*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ, нақши идоракунии механизмҳои рақобатпазирӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар ҷойи аввал мебарояд, хусусан идоранамоии рақобатпазирӣ дар сатҳи байналмиллалӣ, баландбардории мавқеъи соҳибкорони ватанӣ нисбати хориҷӣ ва бахусус, корхонаҳои КАС, нақши ҳалкунанда мебозанд. Сиёсати имрӯзаи абарқудратҳо, хусусан Президенти ИМА Д. Трамп аз ин шуруъ гардид, дар ҳоле, ки аксарияти ширкатҳои фаромиллатӣ аз ин давлат мебароянд, бинобар, ин дар кишвари мо, ки на танҳо дар арсаи байналмиллалӣ рақобатпазир набуда, ҳатто дар дохили кишвар субъектҳои соҳибкорӣ – корхонаҳои КАС ба дастгирӣ ниёз доранд, танзими давлатӣ хело саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосир дар сатҳи илмӣ мубоҳисаҳои алоқаманд бо муаммоҳои дар ҷойи аввал қарордошта, муътадилнокӣ ва ногузирии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ба миён омадааст. Нисбат ба корхонаҳои КАС ҳаминро тасдиқ намудан мумкин аст, ки дар минтақаҳои гуногуни мамлакат метавонанд на ба тарзи якрангаву қолабӣ, балки бо назардошти омилҳои зиёд: табиию иқлимӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, психологӣ, бо шаклҳои гуногуни тахассус гардонидашуда, муассирнок ва дар миқёси васеъ инкишоф ёбанд.

Гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ доир ба ташаккулёбии моделҳои корхонаҳои КАС-и рақобатпазирро бухрони амиқи дарозмуддат ва паст рафтани ҷараёни истеҳсолӣ дар соҳаи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон халалдор намуд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки тадқиқоти мазкур актуалӣ ва муҳим мебошад.

Вобаста ба автореферат мушоҳида намудан мумкин аст, ки муаллиф зимни тадқиқот асарҳои олимони хориҷӣ Смит А., Рикардо Д., Милл Ҷ., Шумпетер Й., Кейнс Ҷ., Ансафор И., Друкер П., Котлер Ф., Мескон М.,

Алберт М., Скотт Р., Портер М., Алтухов И.А., Беспоходний Г.В., Буробкин И.Н., Балабайкин В.Ф., Беткин О.И., Гоголев, Даванков А.А., Добринин В.А., Милосердов В.В., Шатин А.Ю., Петриков А.В., Панусов Ю.В., Савченко Е.С., Серков А.Ф., Семиний А.Н., Ушачев И.Г., Шмелев Г.И., Шутков А.А. ва ватанӣ: Асроров И.А., Қаюмов Н.Қ., Умаров Ҳ.У., Ғафуров Х.Ғ., Пиризода Ҷ.С., Ғаниев Т.Б., Давлатзода Қ.Қ., Комилов С.Ҷ., Қурбонов А.К., Мадаминов А.А., Ашуров И.С., Бозоров Ш.Ш., Барфиев Қ.Х., Шамсиев Қ.Б., Иброҳимзода И.Р., Орипов А.О., Хоҷибоев А.П., Шарипов З.Ш., Амиров Н.И., Акрамов Ш.А., Одинаев Ш.Т., Мирзохонов С.О. ва дигаронро ҳаматарафа тадқиқ намуда онҳоро зимни таҳқиқот васеъ истифода намудааст.

Вобаста ба автореферат, маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодагардида, 18 расм ва 34 ҷадвал иборат буда, дар маҷмӯъ 203 саҳифаро иборат буда ба талаботҳои КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯй аст.

Албатта, дар автореферат ҷиҳатҳои мусбии рисола хело зиёданд, аз ҷумла, механизми рушди рақобатпазирии корхонаҳои КАС дар муқоиса бо дигар кишварҳо зиёд ба назар мерасад.

Яке аз ин ҷанбаҳо дар саҳифаи 9 оварда шудааст, ки ин: “Дар таҳаввулоти назарияи иқтисоди миллӣ муаллиф чор давраи рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро ҷудо менамояд, ки ба чор қувваи асосии ҳаракаткунанда ё омилҳо мувофиқ ҳастанд, ки марҳилаҳои рушди онро муайян мекунанд – ин рушди иқтисод аз ҳисоби омилҳои истеҳсолот, рушди сармоявии иқтисодӣ, рушди навоварии иқтисодӣ ва рушд аз ҳисоби сарватмандӣ мебошад. Се давраи якум бо инкишофи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавсиф мешавад, ки бо инкишофи некуаҳволӣ мувофиқ меояд, давраи чорум бо сустӣ ва таназзул тавсиф меёбад. Ҳар давра тағйирёбиҳои мувофиқро дар муайянкунии бартариятҳои рақобатпазирӣ тавсиф медиҳанд”.

Дастоварди дигар ин дар саҳифаи 11 оварда шудааст, ки: “Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар шароити буҳрони молиявӣ суръати афзоиши нархҳо ба масулоти саноатӣ ва хизматрасониҳои вобаста ба он дар соли 2018 – 5,4% - ро ташкил дод, ки ҳамзамон нархи ашёи хом (ғалла) бетағйир монда, баробари он пастшавии нархи фурӯши чакана ба қайд гирифта нашудааст. Аз ин бармеояд, ки танзими давлатӣ дар ин сатҳ нодуруст роҳандозӣ шуда, ба манфиати таъминкунандагони маводҳои

зарурӣ ба соҳаи кишоварзӣ равона шудааст. Ин ҷараён ба маҳдудшавии соҳаи кишоварзӣ оварда мерасонад, зеро дар хоҷагиҳои ғаллапарварӣ, ки маҳаки КАС мебошад, фоидаеро мегиранд, ки ҳатто ба такрористеҳсоли одӣ ҳам намерасад".

Ҳамзамон муаллиф зимни пурсиши экспертӣ дар саҳифаи 15 ба чунин хулоса омад: "Аз таҳлили мазкур ошкор гардид, ки мавқеи муҳимро коэффитсиенти худтаъминкунӣ ишғол намуда, ҳиссаи коэфитсиент 23%-ро дар бар мегирад. Аз ин бармеояд, ки ташакккул ва рақобатпазирии кишоварзӣ ба сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (худӣ, қарзӣ, ҷалбшуда) вобаста аст. Ҳатто, саҳми даромаднокӣ дар ин робита аз ин коэффитсиент камтар ба ҳисоб меравад" Ба ақидаи мо, ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ аллакай ба иқтисодиёти кишвари мо таъсир намудаанд ва ба субъектҳои бозори аграрӣ дар тамоми қисматҳои он таъсири зиёд мерасонанд, чунки зиёда аз 60%-и маҳсулоти кишоварзӣ воридотиянд. Мисолҳои мушаххаси зоҳирёбии ин ҷараёнҳо аз маҳдуд кардани мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои миллӣ, зиёд гаштани ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ бо ҳаҷми умумии истеъмоли он ба ҳисоб меравад. Боздоштани ин ҷараёни васеъмиқёс хело хатарафзо шуда истодааст, бинобар ин, зарурияти мукаммалгардонии механизми идоракунӣ ва танзими давлатии он хело муҳим арзёбӣ мегардад. Барои он ки корхонаҳои КАС дар муқобили чунин қувва истодагарӣ намоянд, дастгирии давлатӣ ва танзими сиёсати протексионӣ хело бомаврид ва саривақтӣ мебошад.

Инчунин дар саҳифаи 22 муаллиф механизмҳои такмили рақобатпазирии КАС-ро дар шакли расм гуруҳбандӣ намуда, зимни таҳқиқот тамоюлҳои асосии рушди рақобатпазирии КАС -и Тоҷикистон ҳамчун асоси коркарди стратегияи ташкили рақобатпазирӣ дар шароити буҳрони иқтисодӣ муайян карда шуд, ки ба ақидаи муаллиф аз инҳо иборатанд: татбиқи технологияҳои инноватсионӣ; рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ; баландбардории тахассуснокии кадрҳо, зиёднамоии маблағгузориҳо ва ҳавасманднамоии рушди соҳаҳои КАС. Ин ақидаи муаллиф дар шароити ҷоннокшавии иқтисодиёти миллӣ басо муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар баробари аҳамияти тадқиқотҳои гузаронидашудаи назариявию амалии кор, автореферат аз норасоиҳо низ иборатанд, ки инҳо:

1. *Хуб мешуд муаллиф, бештар тадқиқоти соҳаи агросаноатиро дар тамоми давраҳои рушди ин соҳа дида мебаромад.*

2. *Дар тадқиқотҳои минбаъда масъалаҳои рушди комплексии комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла механизмҳои рушди хоҷагиҳои ёрирасони КАС-ро васеътар баррасӣ намудан лозим аст.*

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати илмии Бобохонзода Мирзо Ҷаббор дар мавзӯи "Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

**Тақриздиҳанда доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав** **Садриддинов Н.Т.**

**Суроға:** кучаи Айни 67, ш. Бохтар
Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+9923222) 25481,
**Вебсайт**: www.ktsu.tj,
**E-mail:** ktsu78 @mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Садриддинов Н.Т. -ро тасдиқ мекунам. Сардори ШК Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав **Шукурзод Ҷ.А.**